# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-ичтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)» диссертатсия барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). Душанбе, 2022.**

Омӯзиши таърихи манотиқи алоҳидаи ҷумҳурӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии он аҳаммияти бузурги илмиро дорад. Аз ҷониби дигар, барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи Тоҷикистони муосир, омӯзиши минтақа ва навоҳии алоҳидаи он хеле муҳимму саривақтӣ буда, аҳаммияти бузурги таърихӣ-кишваршиносӣ дорад.

Дар робита ба ин, омӯхтани мавзӯи фаъолияти ҷамъиятию сиёсии шаҳрвандон, иштироки онҳо дар ҳалли мушкилоти мавҷуда, барои водии Рашт низ истисно нест, ки аҳаммияти вижаи илмӣ дорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқи илмии ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт, на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

Мақсади таҳқиқоти мазкур баррасии вазъи ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқоти диссертатсиониро маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, матбуоти даврӣ, мавод аз сомонаҳои интернетӣ ва маҷмӯаҳои оморӣ ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар зоҳир мегардад ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф таҳқиқ шудааст.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ асоснок гардида, дарачаи коркарди он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, доираи

хронологӣ ва ҷуғрофӣ, услуб ва усули коркарди мавзуъ мушаххас гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор, манбаъҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гаштааст.

Боби якуми диссертатсия – **“Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии водии Рашт дар солҳои истиқлолият (1991-2021)” номгузорӣ шуда,** аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал – **“Вазъи саноат: мушкилот ва дурнамо”** оид ба истеҳсолот ва тавлидоте, ки молҳои хомро ба тариқи ҷараёни истеҳсолӣ коркард мешаванд, маълумоти илмӣ гирд оварда шудааст.

Дар зербоби дуввуми боби аввал – **“Ҳолати кишоварзӣ: таназзул ва азнавсозии он”** доир ба марҳалаи харобшавӣ ва камшавии заминҳои кишоварзӣ; марҳалаи барқарорсозии соҳа ва рушди он маълумот дода мешавад.

Дар зербоби сеюми боби аввал–“**Соҳаи тандурустӣ ва хизматрасонии тиббӣ**” доир ба соҳаи тандурустӣ ва хизматрасониҳои тиббӣ дар минтақаи Рашт аз замони аввали соҳибистиқлолӣ то давраи ҳозира ба тафсил маълумот дода шудааст.

Боби дуюми рисола зери унвони “**Ҳаёти фарҳангии водии Рашт дар солҳои истиқлолият**” номгузори шудааст, ки он аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби аввали боби мазкур **“Вазъи маориф”** номгузорӣ шуда, дар он вазъи маорифи минтақа дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм - “**Муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ ва нақши онҳо дар боло бурдани фарҳанги аҳолӣ**”-таърихи фаъолияти муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ таҳлил гардидааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм-“**Рушди сайёҳӣ, мушкилот ва дурнамои он**” дар бобати инкишофи соҳаи туризм ва роҳҳои азбайнбарии мушкилоти соҳа баррасӣ шудааст.

**Дар хулосаи** диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шудаанд.

Диссертатсия мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертатсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯйи он мебошад. Автореферати диссертатсия мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Муаллиф, оид ба мавзӯи диссертатсионии худ, 5 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақоларо дар дигар нашрия аз чоп баровардааст.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991–2021)» кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, муаллифи он – Махсудов Аслиддин Муҳаббатович – сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Номзади илмҳои таърих,**
**дотсенти кафедраи таърихи**
**нав ва навини кишварҳои**
**хориҷии ДМТ** **Ҳалимова Маърифат Муҳамадовна**

**Имзои Ҳалимова М-ро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

1.09.2022 с.